**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Автореферати диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба яке аз масъалаҳои бунёдӣ, ки ба кулли падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъсиргузор аст, бахшида шудааст. Аз қадим-ул-айём масъалаи исбот зери таваҷҷӯҳи олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ қарор дошт ва имрӯз дар шароити рӯзафзуни рушдёбандаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аҳаммияти дигарбораро пайдо менамояд. Дарвоқеъ, дар илми ҳуқуқшиносӣ далел ва исбот нақши бориз дошта, барои ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ, мадании ва маъмурӣ, муқаррар намудани гуноҳ ё бегуноҳӣ, муайян кардан ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳо ва ғ. нуқтаи ниҳоӣ мегузорад. Аз ин лиҳоз, мақомоти бо қонун ваколатдоршуда дар татбиқи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, ҳақиқатро вобаста ба парванда ба амал мебароранд.

Мубрам эътироф гардидани мавзуи пажӯҳишгар тавассути якчанд омилҳо тасдиқ карда мешаванд: а) ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бахусус дар бахши далел ва исбот), қабул гардидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017, 2019-2021; ба табъ расидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028; б) амалияи татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи раванди исботкунӣ аксар вақт бо мушкилоти марбут ба

ихтилофоти байни қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва шароити воқеии татбиқи онҳо рӯ ба рӯ мешавад; в) омӯзиши таҷрибаи мақомоти тафтишӣ ва судӣ далолат аз он мекунад, ки то ҳоли ҳозир бархе қарорҳои мурофиавӣ бинобар сабаби ба таври дахлдор анҷом надодани фаъолияти исботкунӣ ба талаботи «қонунӣ» ва «асоснок» ҷавобгӯ нестанд.

Зимни омӯзиши мазмун ва муҳтавои автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти мазкур мақсад ва вазифаи гузошташударо ба таври пурра ва ҳамаҷониба иҷро намудааст. Бешак, ин натиҷа тавассути ба миён гузоштани усулҳои бамаврид дар раванди таҳқиқот ба даст омадааст, ба монанди усули диалектикӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ, омӯзиши амалия ва ғ.

Хулосаҳои асосноки рисоланавис вобаста ба ҳар як зербоби автореферати диссертатсия аз иҷро гардидани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, муаллифи автореферат расмиёти асосҳои методологӣ, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро муфассал рӯйи кор овардааст, ки ҷанбаи мусбат арзёбӣ намудани автореферати мазкурро инъикос менамояд.

Муаллиф бори нахуст дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи исботро дар чунин сатҳ мавриди таҳқиқот қарор дода, хусусиятҳои хоси низоми ҳуқуқии ватанӣ ва стандартҳои байналмилалиро дар робита ба ин масъала ба таври муназзам таҳлил намудааст. Дар автореферат диссертант тавсияҳоеро манзур кардааст, ки арзиши аслии кори илмиро ба андозаи зарурӣ баланд мебардорад. Дар ҳамин ҳол, кори анҷомёфта на танҳо ба намояндагони назария, балки барои кормандони амалия – судя, прокурор, адвокат мубрам ва муфид арзёбӣ мешавад.

Ҳамзамон, маврид ба зикр аст, ки ғайр аз паҳлуҳои мусбати автореферат, ки ҳадди аксарро ташкил медиҳанд, инчунин масъалаи баҳснок низ аз ҷониби мо ошкор гардид. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқиро бо кишварҳои ИДМ танҳо дар масъалаи тафтиши далелҳо (зербоби 2-и боби

дуюм) ба амал баровардааст. Хуб мешуд, ки агар муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқиро нисбати ҷамъоварии далелҳо (зербоби 1-и боби 2) ва баҳодиҳии далелҳо (зербоби 3-и боби 2) низ ба роҳ мемонд. Ба ин нигоҳ накарда, эроди мазкур танҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши таҳқиқоти гузаронидашударо коҳиш намедиҳад, баръакс васеъ ва амиқтар кардани он дар таҳқиқоти оянда имконият фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба талаботҳои пешбинигардида ҷавобгӯй буда, таҳқиқоти анҷомёфта натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалӣ медиҳад, ки метавонанд барои ҳалли мушкилоти мубрами падидаи исбот истифода карда шаванд. Рисоланавис Мадвализода Комёр Мадвалӣ бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини ректор оид ба корҳои илмии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д.Ш.

**Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ .121, тел: 224-13-83
Email: info@tgpu.tj.

«4» 12 2024 с.